# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор

Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетенги МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акдемик Бобоҷон Ғафуров “ маҳсуб ёфта, тайи 4 сол доир ба таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаолияти илмӣ карда истодааст. Мавсуф соли 1997-ум ба ихтисоси “Муносибатҳои иқтисодии байналҳалқӣ” МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров “ дохил шуда, соли 2002-ум онро бо дипломи аъло хатм намуд. Соли 2026-ум соҳиби дипломи касби “Мухандис-иқтисодчӣ” аз рӯи ихтисоси “Системаҳои автоматиконидаи коркарди ахбор ва идоракунӣ” гардид. Мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дод. Г.А. Абдуллоева дар давоми солҳои сипаригардида бо теъдоди зиёди мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва диссертатсияҳои дифоъгардидаро шинос шуда, барои кори диссертатсионии худ маводи заруриро ҷамъоварӣ намуд. Натиҷаи таҳқиқот дар мақолаҳои илмии ба табърасидааш инъикос ёфтааст. Довталаб оид ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърузаҳо кардааст.

Таҳқиқоти масъалаҳои таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил яке аз корҳои арзишманду манфиатовар маҳсуб мешавад. Зеро омӯзиши илмии таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шакли рисолаи илмӣ пешниҳод намудани роҳу усулҳои муосир дар рушди рӯзафзуни ин соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад. Диссертатсияи номзадии Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маҳз бо назардошта ҳамин ҳадаф таълиф гардидааст.

Дар муқаддимаи рисола мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методология, ва зарурати тадбиқи таҳқиқот муайян карда шудааст.

Дар боби якуми рисола бо истифода аз сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ унвонҷӯ барои илман муайян намудани мафҳуми васеи таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст. Аз ин рӯ, номи боби якум "Таҳқиқи асосҳои назариявии рушди сохтмони манзил ҳамчун объекти таҳлили оморӣ" номгузорӣ шудааст. Дар сарҷашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ масъалаҳои омӯзиши асосҳои назариявии рушди сохтмони манзил ҳамчун объекти таҳқиқоти оморӣ акс ёфтаанд. Муаллифи рисола дар тадқиқоти илмии худ омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои асосҳои назариявии рушди сохтмони манзил ҳамчун объекти таҳқиқоти оморӣ ба роҳ мондааст.

Дар боби дуюми рисола "Таҳлил ва арзёбии иқтисодӣ-омории рушди соҳаи сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳлили омории тағйирёбии сохтмони манзил ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии омории дифференсиатсияи сатҳи сохтмони манзил ва хусусиятҳои рушди он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши омории вазъи кунунии сармоягузорӣ ба сохтмони манзил ва сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзил мавриди таҳлил қарор додо шудаанд.

"Тамсила ва самтҳоиояндабинии рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил" боби сеюми рисола аст, ки дар он муаммоҳои таҳияи моделҳои омории бисёрченакаи самаранокии сармоягузорӣ ба сохтмони манзил оварда шудааст.

Зимни анҷоми кори диссертатсионӣ Г.А. Абдулоева худро ҳамчун муҳақиқи боистеъдод нишон дода, дар асоси омӯзиши амсилаҳои таҳиягардида воситаҳои инструменталии муайян намуданиояндабинии омории рушди сармоягузориҳо ба сохтмони манзилро пешниҳод намуд.

Вобастаи ба натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуи илмӣ 4 мақола дар маҷалаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ

Ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ ба нашр расонидааст. Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи Г.А. Абдуллоева мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои мавҷуда нисбати таҳқиқотҳои илмӣ дар доираи ихтисоси 6D051200 - Омор - (08.00.08.01 - Омор) ҷавобгӯ мебошанд. Дар ин замина, диссертатсияи Г.Абдуллоеваро кори илмии бaанҷомрасида ҳисобида, онро барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D051200- Иқтисодиёт (08.00.08.01 - Омор) барои ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Қодирзода А.

Имзои А. Қодирзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи
Мавлонбеков 1, телефон: (+992 3422) 6-52-73,
Факс: (+992 3422) 6-75-18. e-mail: hgu-rector@hgu.tj

«10» 06 2024 с.